***Танқид ва китобиёт***

*“Тоҷикистони Советӣ”, No 11668,*
*13 августи 1964, с. 3.*

## Тарҷимони саҳлкор, 1964

Китобҳои навро аз назар мегузарондем, ки чашми рафиқам ба китобчае бархурд. Онро гирифта варақ зад ва ба ман гуфт:

Китобчаи нагз барин менамояд. Номаш ҳам аҷиб «Номҳои ҷовид». Мо онро харидем.

Китобча дар бораи бинокорон будааст. Рафиқам, ки бинокор-дуредгар аст, раҳравон онро бо шавқу мароқ мехонд.

Пас аз чанде норозиёна гуфт:

- Китобчаи хубу забонаш намешавад!

Дар ҳақиқат, «Номҳои ҷовид», ки тарҷимаи тоҷикии он ба қалами рафиқ Н. Обидов тааллуқ дорад, китобчаи хубест. Муаллифи он рафиқ П. Козимов аз ҳаёту кору бори бинокорони шӯҳратманди Душанбе, Норак ва ғайраҳо нақл мекунад. П. Козимов кор ва характери андовагар Ирина Тележниковаро, ки аз Қазоқистон омада, дар иншооти бузурги ҳафтсола - Норак бо меҳнати мардонааш ном баровардааст, хеле хуб тасвир мекунад.

Ӯ нишон медиҳад, ки Ирина «бахти худро дар ҳамин ҷо, дар Тоҷикистон, дар сохтмони азим ёфт».

Инчунин дар хусуси инженер Низомиддин Иллоёров, гилкор Шукур Бадалов, роҳбари донишманди Норак Барот Ҷабборов, инженер Сайёра Исоева ва дигарон ҳикоятҳои аҷибу дилкаш оварда шудаанд.

Оре, дар бораи ин одамони диловару меҳнатдӯсти даврони мо, ки барои мардум манзилгоҳҳои зебо, биноҳои корхонахои чамъиятӣ месозанд, китобҳо навиштан, онҳоро бо забони пуробу ранги бадеӣ тавсиф кардан меарзад!

Аммо китобчаи рафиқ П. Козимов бо вуҷуди хуб буданаш, бо вуҷуди муваффақиятҳояш дар натиҷаи саҳлкории мутарҷими он хатоҳои зиёди лафзӣ дорад. Хонанда ҳангоми мутолиа бо бисёр ҷумлаҳои вайрон, ибораҳои ғалат, калимаҳои бемаврид истифодашуда дучор меояд, ки ин таъсири китобро ба хонанда хеле суст мегардонад.

Беҳтар он ки худи китобро варақ зада, аз баъзе саҳифаҳои он мисол оварем. «Мамлакати мо - бинокории азимест» (саҳ. 21); Бале бо ин мушкилиҳо мубориза бурда, (?) бартараф менамоем» (саҳ. 8-9); «Ин биноро дар байни кӯҳҳо пахлавони пурзӯр нагузоштааст» (саҳ. 5) ва ғайра.

Дар баъзе ҷумлаҳо мувофиқати мубтадову хабар аз рӯи шахс вуҷуд надорад. Масалан: «Ман ихтисоси худро барои он дӯст медорам, ки дар он ояндаро на дар орзу, балки дар амал мебинӣ (?) бо дастони худ (?) ҳис менамоӣ (?) худат месозӣ, охир ин хело хуб аст!» (саҳ. 8).

Дар китоб такрори пайвандакҳо феълҳои ёридиҳанда ниҳоят зиёд аст, ки ин ҳам ҳусни суханро доғдор мекунад. Аз ҷумла: «Он вақт бино дар ҳолати чӯбкорӣ буд. Гирду пешро партови сохтмон фаро гирифта, кӯчаи пиёдагард бошад, пурлой буд. Он руз табъи андовачиён хира буд. Бригадирашон нотоб шуда буд. Ду соат боз маҳлул набуд» (саҳ. 6). Ин қадар «буд» кор фармудан чӣ даркор? Охир, забони точикӣ тарзҳои гуногуни баён дорад. Дар ин ҷо тарҷимон, албатта метавонист фикри худро дигар тарз баён кунад, то ки такрори феъл, инчунин дигар калимаҳои барзиёд руй надиҳанд.

Дар як китобчаи хурд хонанда бо чандин ибораҳои ноҷоиз, калимаҳои бемавқеъ истифодашуда дакка хурда, беихтиёр мегӯяд: чаро ноширон ба тозагии забони асар диққат надодаанд?

Ҳатто дар китоб чунин ҷумлаҳои хандаовар низ дучор меоянд. Дар саҳифаи 21 китобча мехонем “Шумо ҷуръат намекардед, ки чунин саволе диҳед: аз ихтисоси интихобкардаат (?) магар хушбахт-ми». Ин хел мисолҳоро бисёр овардан мумкин. Дар охир бо таассуф бояд қайд кард, ки харобии забони асар намегузорад, ки кас онро то охир хонад. Ҳам тарҷимон ва ҳам муҳаррири асар рафиқон Н. Обидов ва Н. Ашӯров имконият доштанд, ки аз боигарии забони тоҷикӣ истифода бурда, сифати забони асарро боз ҳам беҳтар кунанд ва бо ин ба хонандагони тоҷик махсусан ба бинокорон, хизмати босазое расонанд. Афсӯс, ки ин тавр нашудааст.

Роҳбарони нашриёти «Ирфон» низ саҳлгирӣ карда, ба нашри чунин асари аз ҷиҳати забон пурнуқсон ва рӯякӣ тарҷимашуда рухсат додаанд, ки ин бепарвоии авфнопазир аст.

**Р. ҚАБОДИЁНӢ**